**Тақризи**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.-Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Актуалӣ будани мавзуи таҳқиқоти илмий.** Мубрамии мавзуи диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич аз он бар меояд, ки дар шароити имрӯза масъалаҳои эстетикикунонии раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ, таҳким бахшидани мазмуни он вобаста ба муҳити нави эстетикӣ, ғанӣ гардонидани тарбияи эстетикӣ дар заминаи шаклҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Дар шароити ҳозира дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон масъалаҳои тарбияи эстетикӣ, ки ҳадафи он ташакккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас мебошад, ҳамаи шароиту имкониятҳои мусоид ба вуҷуд оварда шудаанд. Садҳои марказҳо ва мактабҳои мусиқиву санъат, низоми таҳсилоти иловагӣ, ҷоннок намудани корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар зинаҳои таҳсилоти миёна ва олии махсус, сохтмони даҳҳо хона ва қасрҳои фарҳанги тибқи пружаҳои замонавӣ ба истифода дода шуда, низоми тарбияи эстетикиро бой гардонида, тавсеа бахшида истодаанд. Ба ақидаи муаллифи рисола, ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи заминаҳои эстетикикунонии ҳаёти маънавӣ, боло бардоштани завқи эстетикии ҷавонон бомаром таъмин карда метавонад.

Назарияи ташаккули фарҳанги зебоипарстӣ аз ҳисоби таҳқиқотҳои нав дар соҳаҳои мухталифи илм - фалсафа, сотсиология, эстетика, педагогика ва дигар илмҳо такмил ёфта, моделҳои наву замонавӣ таҷрибаи тарбияи эстетикро мукаммал гардонда, мазмун ва шаклҳои онро ба замони муоссир мувофиқ карда истоданд.

Дигаргунсозиҳои ба вуҷуд омода дар ташаккули шахсияти комили аз ҷиҳати зебоипарастӣ инкишофёфта тақозо менамояд, ки масъалаҳои назария ва фаъолияти амалии корҳои тарбиявию эстетикӣ, аз он ҷумла, дар соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуда, барои системаи муассисаҳои таҳсилот ва фарҳанг тавсияҳои асосноки илмӣ ва илмӣ-методӣ таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Нуктаи муҳими дигаре, ки муаллифи рисола Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич ба он такя менамояд, ин номувофиқатии иҷтимоӣ байни талаботи ҷомеа доир ба масъалаҳои дар заминаи принсипи ҳамгироӣ ба роҳ мондани тарбияи эстетикии донишҷӯён ва номувофиқатии назария ба амалия дар системаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар самти ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён мебошад, ки боиси интихоби мавзуи мазкур гардидааст. Аз ин лиҳоз, дорад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии мушкилоти дар соҳаи тарбияи зебоипарасии муҳассили, махсусан, донишҷӯёни зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ вуҷуд дошта, муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, ҳамгиройи онҳо дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, таҳқиқи ин масъала, аҳаммияти илмӣ ва амалии он барои педагогикаи иҷтимоӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» -ро объекти омӯзиш қарор дода, аз нигоҳи мо аз уҳдаи ин вазифа бомуваффақият баромадааст.

Чи тавре, ки аз омӯзиш ва таҳлили диссертатсия бар меояд, аппарти илмии таҳқиқ ба талаботи ин гуна корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва (предмет)-и он, фарзия, навгонӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷиҳати илмӣ асоснок шуда, дар равиши таҳқиқот пай дар пай бо истифода аз усулҳои илмиву таҳқиқотии педагогӣ ҳалли худро дуруст ёфтаанд.

Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, пешниҳод менамояд, ки:

- ҳамкории функсиолналии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг таъмин ва неруи ҳамоҳангсозии онҳо дар асоси баҳисобгирии моделҳои нав ва муносибати интегративӣ оид ба ин унсури тарбиявӣ ба роҳ монда шавад;
- номутасилӣ дар фаъолияти тарбиявии донишҷӯён аз тарафи ин ниҳодҳо аз миён бардошта шавад;
- ҳамгироии зичи ниҳодҳо дар заминаи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён бо назардошти хусусият, асоснок намудани он ва зимни истифодаи самараноки анъанаҳои бадеии маҳал ба роҳ монда шуда, тариқи озмоиш мавриди санҷида қарор бигирад;

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии бадастовардаи унвонҷӯ Усмонов З.Ҷ. аз он

далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Аз таҳлил ва баррастии таҳқиқот, омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва ҷамъбасти корҳои таҷрибавии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ муаллифи рисола ба хулосе меояд, ки дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии нерӯҳои ниҳодҳои мухталифи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва технологияҳои муосир дар кори тарғиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва боз дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст. Вобаста ба ин дар рисола роҳҳо ва технологияҳои нави таълимиву тарбиявӣ ва фарҳангию фароғатӣ ҷиҳати эстетикикунонии равади таҳсилот ва соҳаи фарҳангию фароғатӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Падидаи навгонӣ, бозёфти илмӣ** ва амалии диссертатсияи Усмонов З.Ҷ. дар он зуҳур гаштааст, ки муаллифи он дар заминаи таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи эстетикӣ консепсияи фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷ ва ташаккули онро дар ниҳоди муҳассилини коллеҷҳо асоснок намудааст, ки баҳисобгирии инфрасохтори иҷтимоӣ-фарҳангии шаҳрҳои хурд, хусусият ва омилҳои ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ, махсусиятҳои зуҳурёбии анъанаҳои бадеӣ дар минтақа, дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ, инчунин истифодаи шаклҳои инноватсионӣ ва анъанавии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии самти эстетикӣ доштаро дар бар гирифта, ҷиҳати мукаммлагардонии тарбияи эстетикӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба равандҳои асосии илми педагогикаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ иртибот доранд ва барои ташаккул ва рушди фарҳанги эстетикӣ равона гардидаанд, хусусият, меъёр, дараҷа, восита ва шаклҳои ин фаъолият муайян карда шуда, дар ташаккули комили шахсият ва тарбияи эстетикии донишҷӯён дар шароити ҳозира мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ягонагии ногусастании фаъолияти ниҳодҳои таҳқиқшуда-коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳрҳои аҳолиашон камшумор дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини таҳқиқшуда бо назардошти хусусиятҳои коллеҷҳои техникӣ асоснок гардидааст. Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ тибқи принсипҳои муносибати маҷмуӣ ва ҳамгиройӣ дар тарбия муайян, заминаҳои илмии барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ асоснок ва таҳия шудаанд. Радабандии (типология)-и дараҷаи фаъолнокии фарҳангиву, бадеӣ-

эҷодии донишҷӯён коркард ва вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ вобаста ба он мушаххас гардидаанд, ки барои муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикситон аҳаммияти махсус доранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии нерӯҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг коркард шудаи муаллифи диссертатсия, ва шароитҳои педагогии таҳия намуда, инчунин тавсияҳои илмӣ-методӣ дар ин самт таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ метавонад, дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ кӯмак расонад ва онро тавеа бахшанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** иборат аз он аст, ки дар заминаи таҳқиқотҳои илмии педагогӣ, истифодаи назария ва методологияи эстетика ва тарбияи эстетикӣ, ҷамъбаст, таҳлили таҷрибаи кори коллеҷ ва муассисҳои фарҳанг, зимни принсипи интегративӣ, ташаккули фарҳанги эстетикии дониҷӯён дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда мешавад. Дар заминаи омузиши назария ва методологияи таҳқиқот, ғояҳои файласуфон, равоншиносон, педагогҳо, мусиқишиносон, омӯзгорони нававар оид ба тарбияи эстетикӣ, рушди шахсияти инсон таҳқиқ шудааст. Нукта ва хулосаҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар раванди таълим ва корҳои беруазаудитории донишҷӯён ҳамчун унсури таркибии инсони комил ва масъалаҳои ҳамгироӣ дар ташаккули шахс ҳамчун заминаи назариявии диссертатсия мавриди истифода қарор дода шудаанд. Илова бар ин, саҳми муаллиф дар интихоби методҳои таҳқиқот, асосноккунӣ, таҳия ва татбиқи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангию маърифатӣ, муайян кардани шароити педагогӣ ва коркарди шаклу усулҳои нави фарҳангию маърифати донишҷӯён, ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба тарбияи эстетикӣ назаррас аст.

Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст таҳия гардида, он аз ду боб, панҷ фасл, хулосаҳо, ҷадвалу расмҳо иборат аст.

**Дар боби якуми** диссератсия «Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ» консепсияҳои олимони рус ва тоҷик оид ба фарҳанги зебоипарастӣ, принсипҳо ва функсияи онҳо, муносибатҳи мухталиф дар таҳқиқи масъалаҳои тарбияи эстетикӣ, феномени фарҳанги эстетикӣ ҳамчун падидаи фарҳагӣ ва педагогӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Дар мисоли Тоҷикистон таҷриба

ва мушкилоти фарҳангӣ эстетикӣ, кори амалии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ дар ин самт омӯхта, ҷамъбаст карда шудааст. Баъзе камбудиҳо ошкор карда шуда, механизмҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо нишон дода шудаанд. Ҳамкории мазмунӣ-технологии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён таҳқиқ карда шуда, роҳҳои такмил додани ҳамгироии онҳо муайян карда шуданд.

**Фасли аввали** боби якуми диссертатсия, ки «Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар педагогика» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои марбут ба назария ва методологияи фарҳанги зебоипарастӣ, омӯзиши онҳо дар педагогика ва дигар илмҳои муҷовир таҳлил ва баррасӣ шудаанд, ки оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён таҳқиқотҳои арзишмандеро анҷом доданд.

Консепсияҳои олимон оид ба назарияи ташаккули шахсият, аҳаммияти санъат ва фарҳанг дар тарбияи эстетикӣ ва маънавӣ, муносибат ба раванди таҳсилот аз нигоҳи фарҳангшиносӣ ва дигар ғояҳо асоси бунёдии таҳқиқотро ташкил доданд. Инчунин, андешаҳои М.А. Ариарский, М.С. Каган, М.А. Верб, В.А. Разумный, С. Раҳимов, Д. Латифзода, Р. Абдуллоева ва диг. оид ба тарбияи эстетикӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи эстетика ва мақсади он ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас маҳсуб меёбанд, дар тақиқот истифода бурда шуданд.

Дар фасли дуюми боби якум «Хусусиятҳои ҳамкории мазмунӣ-технологии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ақидаҳои мухталифи олимон оид ба истилоҳи тарбияи эстетикӣ ҳамчун намуди тамоми фаъолияти эстетикии инсонӣ, ташаккул ва густариши он, арзишҳои шахсият марбут ба фаъолияти эстетикӣ баррасӣ мешавад. Муаллифи диссертатсия Усмонов З.Ҷ. тарбияи эстетикиро дар низоми таҳсилот ва фарҳанг қисми ҷудонашавандаи мутасили инкишоф комили шахсият ҳисобида, вазифаи онро аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас нашуморида, балки аз такмил додани нерӯиҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо меҳисобад ва он бо дигар соҳаҳои ташаккули маънавии муҳассилин, тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ робитаи қавӣ дорад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ ва таҳқиқотҳои анҷомдодашудаи замони муосир унвонҷӯ З.Ҷ Усмонов унсурҳои фарҳанги эстетикиро ҷудо мекунад, ва ба он фарҳанги зебоишиносии муосир, эстетикаи муҳити

зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш ва дигар унсурҳоро низ мансуб медонад. Ӯ ба хулосае меояд, ки  тарбияи эстетикӣ махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст ва дар раванди фаъолияти эстетикӣ ташаккул меёбад. Дар ин замина таҷрибаи амалии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар мисоли шаҳрҳои аҳолиашон камшумор ҷамъбаст, таҳлил ва баррасӣ карда шуда, камбудиҳо дар фаъолияти ин ниҳодҳои тарбиявӣ ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо нишон дода шудаанд.

Дар ин фасл, муаллифи рисола Усмонов З.Ҷ. дуруст зикр мекунад, ки санъат яке аз воситаҳои муҳимтарини таълиму тарбияи эстетикӣ ба ҳисоб меравад. Он ба инкишофи эҳсосот, ҳиссиёт, завқи эстетикӣ ва қобилияти эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, санъат  ба ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳамкорӣ, масъулиятнокӣ ва эҳтиром нисбат ба ақидаҳои дигаронро инкишоф медиҳад. Дар раванди таълими фанни эстетика ва иштирок дар чорабиниҳои фароғатии муассисаҳои фарҳанг донишҷӯён донишҳои гуногуни соҳаи санъатро аз худ мекунанд, аз қабили намуду жанрҳои санъат, шаклҳо, унсурҳои ифодакунанда он ва ғайра. Онҳо инчунин малака ва маҳорати арзёбии асарҳои гуногуни санъат, аз қабили сурудхонӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, баҳодиҳӣ ба асарҳои санъати тасвирӣ, саҳнаҳои театрӣ, аз худ мекунанд.

Дар фасли сеюми боби якум, «Механизмҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» масъалаҳои дарёфти роҳҳои нави тарбияи эстетикии донишҷуён дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг баррасӣ гардида, зикр мегардад, ки  яке аз роҳҳои самаранок ва беҳтар ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ–эстетикӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг ҳамкории функсионалии онҳо ба шумор меравад. Ба анадешаи сотсиологи тоҷик Ш. Шоҳисматуллоев такя намуда муаллифи диссертатсия  тасдиқ мекунад, дар раванди ҳамгироӣ "имкон пайдо мегардад, ки  муттаҳид намудани нерӯҳо ҷиҳати иҷрои кори якҷоя, сафарбарии қувваҳои муштарак ва захираҳои хеш бахри расидан ба ҳадафҳои гузошта шуда, талаботи зарурӣ ва ҳадафи ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ маҳсуб ёфта, он амалӣ карда шавад".

Дар ин фасл дар заминаи таҳқиқотҳои озмоишии педагогӣ шартҳои иҷтимоӣ-педагогии беҳтар намудани кори муассисаҳои таҳсилот ва фарҳанг дар тарбияи эстетикии донишҷӯён аз ҳар ҷиҳат ошкор ва шарҳу маънидод карда шуда, муаллифи диссертатсия андешаҳои ҷолибро оид ба беҳтар намудани ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар

заминаи такмили илмиву методии ин унсури тарбиявӣ пешниҳод намудааст, ки барои таҷрибаи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ аҳаммияти хоса доранд. Унвонҷӯ бар асоси далелҳо собит сохтааст, ки дар мавриди ташаккули шахсияти комил ва тарбияи фарҳанги зебоипарастӣ нақши омӯзгорон фанни эстетика ва этика, устоҳои истеҳсолии коллеҷ хеле муҳим аст. Дар заминаи ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами фаъолияти коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарасӣ хулоса карда мешавад, ки ҳамкории ин ниҳодҳо метавонанд кори тарбияи эстетикиро боз ҳам хубтар намуда, самаранокии онро таъмин намоянд. Яке аз шартҳои муҳими ин корро муаллифи рисола дар таҳияи барномаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷуёни коллеҷҳои техникӣ мебинад, ки заминаи онро ҳамкории мутақобилаи коллеҷ бо муассисаҳои фарҳангӣ: хонаҳо ва қасрҳои фарҳанг, студияҳои эҷодиёт ва марказҳои фарҳангӣ, клубу майдончаҳои варзишӣ дар ҷойҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳо, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, осорхонаҳо ва ғ. ташкил медиҳад. Махсусан, барои муҳассилини соҳаи техникӣ аз арзишҳои эстетикӣ бархурдор нагардидан ва танҳо дар дар доираи фарҳанги техникӣ рушд кардан, инкишофи сатҳи умумифарҳангии онҳоро коста мегардонад. Инро ба назар гирифта, дар таҳқиқот сайрҳо ба мавзеҳои таърихиву фарҳангӣ, намоишгоҳҳо, толорҳои маркази ҷавонони шаҳр, рафтуомад ба намоишҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, толорҳои консертӣ, театрҳо, мактабҳои санъат ва ғ. пешбинӣ ва роҳандозӣ гардиданд. Дар ин радиф муаллиф дар ин фасл афзалиятнокии воситаҳои мухталифи таъсиррасонии маърифатӣ ва ҳиссиро дар тарбияи эстетикӣ, шарҳу тавзеҳ медиҳад.

**Дар боби дуюми** диссертатсия «Шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён» дараҷаи ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён дар се гурӯҳи таҳқиқотӣ муайян карда шуда, дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эҷодиву бадеӣ таҳқиқ гардидааст. Имкониятҳои педагогии мукаммалгардонии фаъолияти коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар эстетикикунонии мазмуни раванди таҳсилот ва таълими истеҳсолии донишҷӯён муайян, ва тавассути барномаи таҳиянамудаи педагогӣ тариқи озмоиш санҷида шудааст.

Унвонҷӯ Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевия дар ин боб корҳои озмоиширо анҷом дода қайд мекунад, ки агар дар зинаи аввали таҳқиқот сатҳи азхудкуни арзишҳои эстетикӣ аз ҷониби донишҷӯён хеле коҳиш

ёфта бошад, пас аз таҳия ва амалӣ намудани асосҳои барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарстӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг муносибат ба азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои самти фаъолияташон эстетикӣ ба куллӣ дигар шуда, рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар рафти корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҳалли худро ёфта, натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаи чунин хулосаҳо ба рақобатпазирии мутахассисони ояндаи соҳаи техникӣ бо сатҳи баланди фаҳмиши эстетикиашон таъсири мусбат мерасонад. Донишҷӯён ба кори муассисаҳои фарҳангию фароғатии шаҳр бештар рафтуомад мекардагӣ шуданд. Фаъолнокии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён баланд гардид. Далели ин иштироки фаъолона онҳо дар намоишномаҳо ва консерти ҳунармандони касбӣ, гурӯҳҳои худфаъолиятӣ, вохӯрӣ бо арбобон ва ходимони барҷастаи фарҳанг ва санъат, одамони наҷиб, бозиҳои шавқовар, озмун ва фестивалҳо мебошанд. Илова бар ин, робитаи донишҷӯён бо театри мусиқӣ-драмавии ва осорхонаи кишваршиносии ш. Панҷакент мустаҳкамтар шуд.

Дар анҷоми таҳқиқот унвонҷӯ Усмонов З.Ҷ. ба хулосае меояд, ки дар кори тарбияи эстетикӣ афзалият ба барномаҳое дода мешавад, ки дорои асоси бадеӣ - эстетикӣ, муоширати зиндаи муштариён бо меҳмонони муассисаи фарҳангиро дар назар дошта бошад. Аз ҳама шавқангезтар дар ин бобат маҳфилҳои ҷавонон, ҳунаромӯзӣ, беҳтарин кадбону, иштироки донишҷӯёни коллеҷ дар озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон ватани азизи ман», мусобиқоти варзишӣ дар байни коллеҷҳо доир ба шаклҳои миллии варзиш, консерти ҳунармандони касбӣ ва худфаъолиятӣ мебошанд. Машқ дар коллективи эстрадӣ, маҳфили навозиш дар созҳои миллӣ ва эстрадӣ, коллективи фолклорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва эҷодиёти амалии ороишӣ - бадеӣ донишҷӯёни коллеҷҳои самти техникиро шавқманд ва барои иштирок дар чунин навъи фаъолият ҳавасманд мегардонад.

Натиҷаҳои бадастомада ба диссертант Усмонов З.Ҷ. имкон додааст, тавассути усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ эҳтиёҷоти маънавии муҳассилин зимни омӯзиш муайян ва мувофиқи дархости онҳо репертуари театр, барномаҳои бадеии муассисаҳои фарҳанг ва санъат, хазинаи китобхонаҳои оммавии ноҳия ва коллеҷ таҳия, дастрас ва дуруст ба роҳ монда шавад. Гузашта аз ин, дар корҳои тарбиявии коллеҷ зебоӣ бояд ёвари асосӣ ба шумор рафта, хоҳиши мустақилият ва эҷодкориро бедор созад. Он бояд тамоми соҳаи фаъолияти коллеҷро фаро бигирад.

Ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ имкон дод фаъолияти педагогии омӯзгорон дар ин самт хеле беҳтар карда шавад.

Эътимоднокӣ мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳангӣ, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, имкон доданд, ки муносибати донишҷӯён ба фанҳои сикли эстетикӣ ва санъат васеъ ва ғанӣ гардида, онҳо ба эҷодиёти бадеӣ ва намудҳои гуногуни маҳфилҳои бадеӣ тариқи шаклҳои доимоамалкунанда ва номуташаккил васеътар ҷалб карда шаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот ҷалбнамоии донишҷӯён ба фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва эстетикӣ ба таври намоён баланд гардид.

Дар ҷараёни натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки зимни принсипи интегративӣ ба даст оварда шуданд, самаранокии методика ва асосҳои барномаи педагогии коркардкардаи довталаб ба рушди маърифати эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эстетикӣ мусоида намуда, ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг тавсеа бахшида шуд.

Ҳамчунин, мебояд афзуд, дар рафти корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ яке аз ғояи асосии таҳқиқот - табдили муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба марказҳои ташкиливу методии роҳбарӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, умуман, ҷавонон дар мавзеи шаҳрҳои аҳолиашон камшумор роҳандозӣ гардида, ки ҳоло дар ин самти фаъолият таҳқиқотҳо бояд идома дода шаванд.

Хулоса ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич, асоснок намудани консепсияи ташаккули фарҳанги зебоипарастии мухассилин бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа, механизмҳои фаъолияти якҷояи муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён, муайян намудани шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалӣ дар раванди таълим ва корҳои беруназаудитории коллеҷҳо ва ба эътибор гирифтани махсусиятҳои корҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дақиқ ва мушаххас оварда шуда, бо далелҳои муътамад собит гардиданд, ки аз натиҷаҳои самараноки таҳқиқоти анҷомдодашдуа дарак медиҳанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ, ки 7 адад, аз он ҷумла се

мақолаи дар маҷалаҳои тақризшаванда, се мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо нашр шуда, ва як дастури таълимиро ташкил медиҳад, ки баёнгари мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд.

Қайд кардан лозим аст, ки Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар баробари комёбиҳо ва навгониҳои илмӣ, ки дар вақти таҳлил ва баррасии диссертатсия аён гардиданд, **баъзе камбудӣ ва норасоиҳо** низ ба назар мерасад, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат хоҳанд кард. Онҳо чунинанд:

1. Дар рисола муаллиф барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастиро таҳия ва асоснок намудааст. Унвонҷӯ Усмонов З. ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид, агар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро тибқи талаботи барномаи мазкур дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ васеътару мукаммалтар мавриди таҳқиқ қарор медод. Барномаи номбурда ба тамоми низоми маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ ҳамчун роҳнамо дар тарбияи зебопарастии кулли муҳассилин хизмат карда метавонад.
2. Муаллифи рисолаи илмӣ Усмонов З.Ҷ. аҳаммияти амалии диссертатсия ва тавсияҳоро барои коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги Тоҷикистон шарҳу тафсир додааст, вале бо мисолҳои мушаххас нишон дода нашудааст, ки дар амалияи таълим чӣ гуна онҳо татбиқ карда мешаванд.
3. Албатта, рисолаи дар сатҳи хуб навишташуда бе камбудӣ буда наметавонад. Дар матни диссертатсия ва автореферати тоҷикӣ ва нусхаи русии он баъзе норасоиҳои техникӣ ва хатоҳои грамматикӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо сифати рисоларо беҳтар менамояд.

Бояд зикр кард, ки камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, арзиши комили илмии рисола ва дастовардҳои назарраси онро кам намекунад.

## Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Диссертатсияи Усмонов З. Ҷ. дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангии Донишкадаи фарҳанги Челябински Федератсияи Россия — Бозор Сафаралиев

Суроғаи донишкада:
Федератсияи Россия, ш. Челябинск,
кӯчаи Орджоникидзе, 36 А
Тел.: +7 (963) 462-30-48

Имзои Бозор Сафаралиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишкадаи давлатии фарҳанги Челябински Федератсияи Россия — Мария Владиславовна Воробьева

Раб.тел.:+7(351)263-95-70; +7 (351)268-95- 22 доб.202;
+7(351)263-59-71
E-mail: kanc@chgaki.ru

Челябинский государственный институт культуры
Подпись Сафаралиева Б.
Воробьевой М.В. заверяю
Специалист по документационному обеспечению персонала
Подпись Вишнякова О.Г.
«03» 04 2025 г.